# Шайтон назди яке аз шумо меояд ва мегӯяд: инро кӣ офарид? онро кӣ офарид? Ҳатто дар ниҳоят мепурсад: Парвардигори туро кӣ офарид? Чун агар яке аз шуморо чунин пурсише пеш ояд, ба Худо паноҳ бибарад ва аз идома додан ба чунин пурсише даст бикашад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Расули Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Шайтон назди яке аз шумо меояд ва мегӯяд: инро кӣ офарид? онро кӣ офарид? Ҳатто дар ниҳоят мепурсад: Парвардигори туро кӣ офарид? Чун агар яке аз шуморо чунин пурсише пеш ояд, ба Худо паноҳ бибарад ва аз идома додан ба чунин пурсише даст бикашад".

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Инҷо Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар мавриди илоҷ ва дармони судманд бар саволҳои васвасаомези шайтон бар муъмин огаҳ сохтааст. Шайтон мегӯяд: кӣ инро офаридааст? Кӣ он чизро офаридааст? Осмонро кӣ офарид? Заминро кӣ офарид? Мӯъмини ростин мегӯяд: Аллоҳ онҳоро офаридааст. Аммо Шайтон бо ин ҳама иктифо накарда бо пурсишҳои васвасаомезаш идома дода мегӯяд: Худои туро кӣ офаридааст? Барои мӯъминон се роҳӣ дурӣ ҷустан аз васвасаҳо вуҷӯд дорад, ки иборатанд аз: - Имон ба Худо. - Паноҳ бурдан ба Худованд аз Шайтон. - Худдорӣ аз андешидан дар мавриди васвасаҳои шайтонӣ.

https://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65013